# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна дар мавзӯи «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи номзадии Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна ба яке аз мавзӯъҳои муҳимму арзишманди илми адабиётшиносӣ – таҳқиқу баррасии таҳаввули симои шахсиятҳои таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик) бахшида шудааст. Масъалаи омӯзиши таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик хеле васеъ ва доманадор буда, дар ин замина вобаста ба эҷоди чеҳраҳои дигар ашхоси таърихӣ, чун Куруши Кабир, Спитапен, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Восеъ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон чандин рисолаву тадқиқоти ҷудогона ба анҷом расидаанд. Баррасии ҳунари нависандагони муосир дар офариниши чеҳраи бадеии Темурмалик дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихобшуда барои таҳқиқ ва матолиби меҳварии он аз тозагиҳои муайяне бархурдоранд.

Унвонҷӯ масъалаи таҳаввули образи бадеии шахсияти таърихӣ, мақом, арзишу аҳамият ва ҷойгоҳи осори бадеии марбут ба корнамоиҳои Темурмаликро дар қиёс бо осори таърихӣ дар заминаи ҷинсҳо ва анвои мухталифи адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертант кӯшиш кардааст, пеш аз ҳама, маҷмӯи осоре, ки дар заминаи офариниши чеҳраи Темурмалик дар назму насри муосири Тоҷикистон ва ҳамзабонон ба қалам омадаанд, фароҳам оварда, таҳқиқоти хешро бар асоси муқоиса ба анҷом расонад.

Рисолаи Бобоҷонова М.Ҳ. аз муқаддима, се боб, ҳафт фаслу чордаҳ зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт фароҳам омадааст. Муаллиф бо иншои рисола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки шеваҳои хоси

офариниши чеҳраи Темурмаликро дар осори назмиву насрӣ баррасӣ намояд. Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки ӯ ба таври алоҳида дар ҳар як навъи адабӣ, аз ҷумла осори ҳамосӣ, драмавӣ ва лирикӣ шеваҳои хоси офариниши чеҳраи қаҳрамонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Унвонҷӯй дар бобу зерфаслҳои рисола кӯшиш намудааст, ки тавассути таҳқиқ ва баррасии мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, муқаррар созад, ки то чӣ андоза адибону суханварони муосири тоҷик дар эҷоди симои бадеии Темурмалик муваффақ шудаанд.

Диссертант андешаҳои худро оид ба матолиби меҳварии баррасишаванда дар диссертатсия ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои муҳимми илмӣ мерасад, ки офариниши чеҳраи Темурмалик танҳо маҳдуд ба назму насри адабиёти муосири тоҷик нест, балки дар адабиёти ҷаҳон низ чандин нафар аз адибон дар эҷоди симои бадеии ин қаҳрамони миллӣ иқдом намудаанд. Баробари ин, унвонҷӯ ба хулосаи дурусти илмӣ расидааст, ки дар адабиёти муосири тоҷик корномаҳои таърихии Темурмалик таваҷҷуҳи нависандагон ва адибони зиёдеро ба худ кашидааст, ки дар натиҷа бештар аз 20 асар ба миён омадааст.

Дар баробари он муваффақиятҳое, ки дар фишурда дида мешавад, баъзе нуқсу камбудиҳо низ ҷой доранд, ба назари мо,ислоҳи онҳо ба манфиати рисолаву унвонҷӯй аст:

1. Дар ҷараёни мутолеаи автореферати диссертатсия равшан гардид, ки ҳарчанд осори зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, усули муқоисаи образҳои офаридаи нависандагон камтар ба чашм мерасад. Хуб мешуд, агар диссертант баъзе хулосаҳои хешро дар заминаи муқоисаи образҳои офаридашуда баён медошт.

2. Ҳарчанд автореферати диссертатсия ба забони хуби илмӣ иншо шудааст, аммо баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Чунин камбудиҳо, албатта, ба мазмуну муҳтавои рисола халале ворид намекунанд.

Рисолаи номзадии Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна дар мавзӯи «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)” кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Хоҷамуродов О.Ҳ.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Тел.: (+992 91) 505 46 64
E-mail: Khojamurod@mail.ru

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бобоева Т.Р.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Тел.: (+992 92) 705 36 50
E-mail: Farah_a@mail.ru

“Имзои Хоҷамуродов О.Ҳ. ва
Бобоева Т.Р.-ро тасдиқ менамоям”.
Мудири шуъбаи кадрҳои ДТТ Бухориев Н.А.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Тел.: (+992 37) 2349434
E-mail:Kadrtut@mail.ru

12 марти соли 2021